# МАЪЛУМОТНОМА
## доир ба барномаҳои таҳсилотии ДДТТ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки дар байни макотиби олии кишвар нахустин шуда, ба низоми кредитии таҳсилот ворид гардида буд, фаъолияташро дар ин самт пурзӯр намуда, барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас кӯшиш ба харҷ дода, тадбирҳои зиёдро амалӣ гардонида истодааст.

Бо мақсади мутобиқгардонии стандарту барномаҳои таҳсилотӣ ба стандарту нишондиҳандаҳои аврупоии таъмини сифати таҳсилот, дар донишгоҳ аз моҳи декабри соли 2018 гурӯҳи кории лоиҳаи "Низоми менеҷменти сифат" таъсис ёфт, ки аз ҳафт нафар олимону мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисод иборат буда, як қатор корҳоро ба сомон расонданд. Гузаронидани семинару конфронсҳо ва дигар корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни омӯзгорону мутахассисони мактабҳои олии кишвар аз ҷумлаи амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ дар самти воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва мутобиқ гардонидани стандарту барномаҳои таҳсилотӣ ба стандарту нишондиҳандаҳои аврупоии таъмини сифати таҳсилот мебошад.

Гурӯҳи корӣ аз 10-ум то 15-уми июни соли 2019 дар семинари байналмилалие, ки тахти роҳбарии мушовири баналмилалии Иттиҳоди Аврупо, муовини роҳбари гурӯҳи кории татбиқи раванди Болонӣ, профессор Анна Кетрин Айзек дар донишгоҳи шаҳри Пизаи Италия гузаронида шуд, ширкат варзида, барои дар амал татбиқ намудани он тадбирҳои зиёдро роҳандозӣ намуд.

Тавре аъзои гурӯҳи кории "Низоми менеҷменти сифат" Нарзулло Сангинов иброз дошт, низоми кредитии таҳсилот, ки дар таҷрибаи бисёр кишварҳои пешрафта авлавияти худро нишон додааст, воқеан ҳам низоми санҷидашуда ва бартариятдошта ба ҳисоб рафта, мутобиқ гардонидани стандарту барномаҳои таҳсилотии макотиби олии кишварамон, аз ҷумла ДДТТ, ногузир аст. Аз ин рӯ, мо бояд зина ба зина ба татбиқи он шурӯъ намоем ва дар кӯтоҳтарин муҳлат ба дастовардҳои назаррас ноил гардем. Зеро донишгоҳ заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ, иқтидори кадрӣ ва таҷрибаи фаровон дорад.

Дар ҷамъомади васеи Раёсати донишгоҳ аъзоёни гурӯҳи кории лоиҳаи дар боло зикргардида номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Н. Сангинов, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф. Шаропов, декани факултети иқтисодиёт ва менеҷмент З. Маҳмадуллоев, сардори раёсати таълим М. Ҳамитов, мудири шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ Р.Мирзоев бо маърӯзаҳои пурмазмун баромад карда, аз хусуси дастовардҳо ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорону профессорони донишгоҳҳои Аврупо, аз ҷумла Донишгоҳи шаҳри Пизаи Италия ба таври мушаххас мисолҳо оварда, андешаҳояшонро дар мавриди таҷдиди назар кардани барномаҳои таҳсилотии донишгоҳ тибқи стандарт ва нишондодҳои аврупоии сифати таҳсилот баён доштанд.

Аз 22-юм то 29-уми сентябри соли 2019 бошад, гурӯҳи корӣ дар ҳайати ҳамоҳангсози лоиҳа, муовини ректор оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеа, дотсент Заррина Қодирова, дотсент Нарзулло Сангинов, н.и.и, дотсент Қобил Толибов, н.и.и, дотсент Фотеҳ Аминов, д.и.и., профессор Раҷаб Раҷабов ва н.и.и., дотсент Фарҳод Шаропов аз Донишгоҳи Гранадаи Испания бо мақсади омӯзиши масоили мавриди назар дидан намуданд ва бо фаъолияти густардаи ҳайати илмӣ-омӯзгорӣ, низоми таҳсил ва барномаҳои таҳсилотии ин боргоҳи илму маърифат шинос шуданд.

Ҳамчунин, перомуни мавзӯи мавриди назар аз 7-ум то 9-уми октябри соли 2019 дар донишгоҳ дар доираи лоиҳаи "Низоми менеҷменти сифат" семинари омӯзиши тахти унвони "Такмили барномаҳои таҳсилотии ба салоҳиятнокӣ асосёфта бо истифодаи услуби Тюнинг" бо иштироки сардори гурӯҳи корӣ, профессор Фаҷеров Ҳ.Н., мушовири байналмилалӣ, профессори Донишгоҳи Пизаи Италия Анна Катрин Айзакс ва ҳайати гурӯҳи корӣ гузаронида шуд.

Дар семинар ҳамоҳангсози лоиҳа, муовини ректор оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеа, дотсент Заррина Қодирова дар мавзӯи "Такмили 4 барномаи таҳсилотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар асоси омӯзиши таҷрибаи Донишгоҳи Пизаи Италия ва Донишгоҳи Алма-Менеҷменти Ҷумҳурии Қазоқистон" суханронӣ намуда, таъкид кард, ки аъзои гурӯҳи корӣ такмилу таҷдиди сохтории барномаҳои кории донишгоҳро дар асоси омӯзишу таҷриба ва таҳқиқи барномаҳои таҳсилии донишгоҳҳои зикргардида ба анҷом расонидаанд.

Профессори Донишгоҳи Пизаи Италия Анна Катрин Айзакс доир ба масоили услуби арзёбии сифати барномаҳои таҳсилотӣ, таҷрибаи татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ ва такмили раванди таълим дар Донишгоҳи Пиза суханронӣ намуда, зикр кард, ки такмилу таҷдиди сохтории 4 барномаи таҳсилотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз ҷониби гурӯҳи корӣ ба ғайр аз баъзе ҷузъҳои он дар сатҳу сифати баланд таҳия гардидааст ва мукаммалу муназзам мебошад.

Ҳамоҳангсози лоиҳа Заррина Қодирова, узви гурӯҳи корӣ дотсент Фарҳод Шаропов ва мушовири байналмилалӣ, профессор Анна Катрин Айзакс дар Вазорати маориф ва илми кишвар зимни вохӯрӣ бо муовини вазир Сайфиддин Давлатзода доир ба такмилу таҷдиди сохтории 4 барномаи таҳсилотии донишгоҳ ибрози афкору ақида намуданд.

Сайфиддин Давлатзода иқдоми ҳайати гурӯҳи кории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро дар доираи лоиҳаи "Низоми менеҷменти сифат" ҷонибдорӣ намуда, пешниҳод кард, ки дар доираи мавзӯи матраҳшуда ба хотири тарғибу ташвиқ ва дастгирии ин иқдоми судманд дар сатҳи муовинони ректорон оид ба таълим семинари омӯзишӣ гузаронида шавад.

Бо мақсади амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқ гардонидани барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, дар оғози соли таҳсили 2019-2020 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ба Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон 6 барномаи таълимии худ, аз он ҷумла 4 барномаи зинаи бакалавр – 1-250103 – «иқтисодиёти ҷаҳонӣ», 1-250104 – «молия ва қарз», 1-250107 – «иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо», 1-240103 – «ҳуқуқи иқтисодӣ» ва 2 барномаи таълимии зинаи магистратура – 1-250103 – «иқтисодиёти ҷаҳонӣ» ва 1-250104 – «молия ва қарз»-ро барои мутобиқат ва стандартҳо оид ба таъмини сифат дар фазои аврупоии таҳсилоти олӣ (ESG) пешниҳод намуд.

Комиссияи экспертии берунии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг аз 09-ум то 12-уми декабри соли 2019 мутобиқати барномаҳои таълимӣ, раванди таълим ва шароити донишгоҳро барои амалӣ намудани барномаҳои пешниҳодгашта арзёбӣ намуданд.

Бо қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (АМАР) аз 20 декабри соли 2019, протоколи №48 ҳамаи 6 барномаи пешниҳодгаштаи донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Дар робита ба ин рӯйдоди хуш ва хотирмон, яъне бомуваффақият гузаштани аккредитатсияи байналмилалӣ директори генералии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг, номзади илми ҳуқуқ А. Жумагулова аҳли раёсат ва ҳайати илмию омӯзгории донишгоҳро самимона табрику таҳният гуфта, ба онҳо дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва рушди инкишофи фаъолияти илмии ҳайати илмию омӯзгорӣ барору комёбӣ орзу намуд.